# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тадқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар замони муосир мубрам мебошад. Чи тавре, ки муаллиф дуруст менависад, дар марҳалаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳимтарин мушкилот ҳифзи амнияти миллӣ, яъне ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат мебошад, ки рушди устувори ҷомеаро бо саривақт ошкор кардан, пешгирӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба манфиатҳои миллӣ таъмин менамояд. Имрӯз дар байни маҷмӯи мушкилоти таъхирнопазири иҷтимоӣ, мушкилоти амнияти давлатӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Амнияти давлатӣ яке аз омилҳои муҳимтарини мавҷудият ва рушди муттасили фард, ҷомеа ва давлат ва амнияти байналмилалӣ мебошад. Яке аз унсурҳои муҳимми низоми таъмини амнияти давлатӣ амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ мебошад.

Солҳои охир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ (минбаъд ВКД ҶТ), дар соли 2010 – 1 ҳолат, соли 2011 – 6 ҳолат, 2012 – 2 ҳолат, 2013-2015 – 1 ҳолати, 2016 – 4 ҳолат, 2017- 6 ҳолат, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ сапт гирифта шудааст. Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳаммчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмӯи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани

тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад.

Меъёри КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти тахрибкорӣ пешбинӣ мекунад ва татбиқи амалии онҳо дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии тахрибкорӣ ва ҳамоҳангсозии таркибҳои ҷиноятҳои монанд вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро сад дар сад иҷро карда наметавонанд. Такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи ҳалли воқеии мушкилоти мубориза бар зидди тахрибкорӣ бошад. Дар робита ба ин, таҳлили қонунҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳо, ки дар онҳо таҳрибкорӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ гардидааст, мубрам буда, омӯзиши онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе ҷиноятҳо хеле муҳим аст. Таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии муосири миллӣ ва хориҷӣ имкон медиҳад, то ки камбудҳои мавҷудаи қонуни ҷиноятии ҶТ бартараф карда шуда, такмил дода шавад. Бидуни омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мусбати хориҷӣ, такмили қонунгузорӣ, ҳалли дигар проблемаҳои ҳуқуқӣ, мубодилаи иттилооти ҳуқуқӣ ва ақидаҳои илмӣ, инкишофи низоми ҳуқуқии миллӣ ва ба ҳам наздик кардани низомҳои ҳуқуқии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон номумкин аст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар он ифода меёбад, ки диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия инчунин зарурати такмил додани м.

309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст. Дар масъалаи истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бошад, роҳу усулҳои санҷидашудаи баъзе аз давлатҳои ИДМ мавриди таҳлил қарор гирифта, истифода онҳо дар қонунгузории ватанӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ тавсия гардидааст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия пешниҳод мешаванд:

1. Дар сатҳи диссертатсия таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар давраи то шӯравӣ омӯхта нашудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ба ин масъала диққат медод.

2. Муаллиф дуруст пешниҳод намудааст, ки гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона криминализатсия карда шавад. Пешниҳоди мазкур асосноккунии иловагиро талаб мекунад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Қурбонова Афзуна Азимбоевна мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

Хулоса. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ такмил ёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Имзои Гайратов Т.М. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

6 феврали соли 2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.